На ба худ ва на ба дигарон зиён нарасонед, касе зиён бирасонад Аллоҳ ба ӯ зиён мерасонад ва касе машаққат бирасонад Аллоҳ ба ӯ машаққатро раво дорад

Аз Абусаъиди Худрӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "На ба худ ва на ба дигарон зиён нарасонед, касе зиён бирасонад Аллоҳ ба ӯ зиён мерасонад ва касе машаққат бирасонад Аллоҳ ба ӯ машаққатро раво дорад".

[Саҳеҳ ба шоҳидҳояш] [رواه الدارقطني]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён намуданд, ки ҷилавгирӣ аз осеб ва зуҳуроти он ба худ ва бар дигарон лозим аст, ва барои касе ҷоиз нест бар худ ва на бар дигарон зарар бирасонад. Ҷоиз нест посухи зарар бо зарар бошад, зеро зарар бо расонидани зарар бартараф намешавад, магар аз роҳи қасос ва бидуни таъадӣ. Сипас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён доштанд, ки касе ба мардум зарар мерасонад зарар хоҳад дид, ва касе машақат бар мардум меорад машақат хоҳад дид.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4711